# Tajik State University of Commerce

**Course name: Introduction to Political Science**

**Week 2:** The Ideological foundations of Political Science

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 2:** Сарчашмаҳои ғоявии илми сиёсатшиносӣ

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Марҳилаҳои асосии ташаккул ва инкишофи ақидаҳои сиёсӣ.
2. Афкори сиёсии дунёи қадим ва асримиёнагӣ.
3. Афкори сиёсии давраи эҳё ва замони нав.
4. Марҳилаи инкишофи капитализм дар асрҳои XVII–XIX.
5. Таълимоти сиёсии асрҳои XIX ва XX.

## 1. Марҳилаҳои асосии  ташаккул ва инкишофи ақидаҳои сиёсӣ.

Оғози пайдоиши таълимоти сиёсӣ, консепсия ва назарияҳои сиёсӣ, аслан, бо пайдоиши давлат, ҳокимият ва сиёсат алоқамандии зич доранд ва рушду инкишофи онҳо таърихи тӯлониро дар бар мегирад. Тӯли асрҳо халқҳои мухталиф такя бар ақлу заковати хеш доир ба давлату давлатдорӣ, муносибати сарвари давлат ба омма ва омма ба ӯ, муносибати халқ ба қарорҳои қабулкардаи ҳокимияти сиёсӣ ва ҷомеа андешаҳое иброз доштаанд, ки ҳоло ҳам моҳияташонро гум накардаанд.

Андешаҳои сиёсӣ дорои намуна, нусха (парадигмаҳо) буда маҷмӯи заминаҳои мушаххаси муайянкунандаи татқиқоти илмӣ  дар айни ҳол эътирофшуда, ё назарияи ба сифати нусхаи ҳалли вазифаи пажуҳиши қабулшуда мебошад. Аз рӯи хронологияи таърихӣ давраҳоиро ба антиқӣ (атиқӣ- қадимӣ) - аз 2 ҳазорсолаи пеш аз мелод  то соли 476, асримиёнагӣ - аз асри V эраи мо  то асри  XIII , замони Эҳё - асри   XIV то асри   XVII. Замони нав -  асрҳои   XVII-  XIX.

Ҳамин тариқ, марҳилаҳои асосии ташаккул ва инкишофи ақидаҳои сиёсиро ба таври зерин муайян намудан мумкин аст: давраи атиқа, асрҳои миёна, давраи Эҳё, замони нав, асрҳои XIX ва XX.

Пайдоиши андешаҳои аввалини сиёсӣ ба пайдоиши аввалин давлатҳо дар Шарқи қадим (Миср, Бобулистон, Ҳинду Чин ва Эрон) ва дар Ғарб (Юнону Рим) вобастагӣ доранд. Ҳарчанд ин андешаҳо дар ибтидо дар шакли алоҳида баён нагашта бошанд, ҳам, аммо бисёр масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ, ҳуқуқию ахлоқӣ дар осори фалсафии мутафаккирони ин замонҳо то ба андозае дар маркази таваҷҷӯҳ қарор доштанд.

Дар бунёд ва таҳкими андешаҳои сиёсӣ саҳми бузургони фарҳангӣ Пифагор, Гераклит, Демокрит, Суқрот, Афлотун, Эпикур, Конфутсий, Зардушт, Сино, Форобӣ, Низомулмулк, Ғаззолӣ, Насриддини Тусӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Фомаи Аквинӣ, Гоббс, Локк, Кант, Фихте, Гегел, Чернишевский, Герсен, Маркс, Энгелс, Ленин, Макиавелли, Боден, Гратсия, Руссо, Джеферсон, Пейн, Вебер боиси эътироф аст.

# 2. Афкори сиёсии дунёи қадим ва асримиёнагӣ

## 2.1.Афкори сиёсии дунёи қадим

Дар давраи атиқа мафҳуми «давлат» ҳанӯз ба вуҷуд наомада буд ва барои ифодаи он мафҳумҳои «полис» ва ё «полития» истифода бурда мешуд. Мутафаккирони ин давра барои шаклҳои идоракунӣ аввалин маротиба мафҳумҳои «монархия», «олигархия», «демократия», «аристократия», «охлократия», «тимократия» ва «тирания»-ро истифода намудаанд.

Намояндагони машҳури давраи атиқа Афлотун, Арасту ва Ситсерон мебошанд. Дар инкишофи афкори сиёсии дунёи қадим саҳми мутафаккирони Юнон хеле барҷастааст. Мутафаккирони Юнони қадим бештар ба ҳаёти подшоҳу лашкаркашон, одамони оддӣ, аҳли илму ҳунар, зиддиятҳои иҷтимоӣ диққат дода, то андозае роҳҳои ҳалли зиддият ва тарзу усули идоракунии давлатро нишон додаанд.

Дар ин марҳила андешаҳои сиёсии Афлотун (427-347 т.м.) ки дар асарҳояш «Давлат» ва «Қонун» ифода ёфтаанд, масъалаи сиёсӣ ва давлат ҷои асосиро ишғол менамояд. Вай кӯшидааст ба воситаи сиёсати воқеӣ ба лоиҳаи илоҳии олами инсонӣ, давлат ва аниқтараш давлати идеалиро дониста гирад. Вай лоиҳаи давлати идеалии боадолатро кашида, онро ҳамчун имкони таҷассуми ин ғоя дар ҳаёти заминии сиёсӣ- ҷамъиятӣ, шаҳр, давлат, полис маънидод намудааст.


[1]

1. Платон: биография, факты, философия, фото,» Интересные Факты, accessed September 13, 2025, https://interesnyefakty.org/platon/

Ба пиндори вай бақои давлати идеалӣ дар сурате муяссар мегардад, ки дар он ба ду принсип: тақсими меҳнат ва ягонагии маишӣ афзалият дода шавад. Роҷеъ ба ин масъала ӯ чунин менависад: «То он замоне, ки давлатҳоро файласуфон идора накунанд, давлатҳо аз зулму истибдод озод намешаванд»[1]. Дар давлати идеали Афлотун инчунин се навъи асосии идоранамоиро низ нишон додааст: монархия, ҳокимияти ақаллият ва ҳокимияти аксарият. Афлотун навъҳои идоракуниро вобаста ба мавқеи қонунҳои ҷомеа боз ба шаклҳои мухолифи якдигар тақсим намудааст: ҳокимияти шоҳӣ – тирания, аристократия – олигархия, демократияи дорои қонун – демократияи бидуни қонун.

1. Платон, *Сочинения*, Т. 3, ред. А. Ф. Лосев & В. Ф. Асмус, пер. А. Н. Эгунов -Москва: Мысль, 1971- с.275.

Аз назари Афлотун се ибтидои хислати инсонӣ- бохирадӣ, ғазабнокӣ, нафс бо се ибтидои давлатӣ – машваратӣ, ҳимоякунӣ ва меҳнатӣ, ки ба се табақа- ҳокимон, ҷанговарон ва истеҳсолкунандагон (косибону деҳқонон) мувофиқат менамояд. Инчунин, Афлотун на танҳо дар инкишофи афкори сиёсии Юнон, балки дар ташаккули афкори сиёсии намояндагони халқҳои дигар, аз ҷумла тоҷикон ва хусусан, Форобию Сино бениҳоят бузург аст. Барои мисол «ҷомеаи комила» ва «ғайри комила» маҳз дар зери таъсири давлати «идеалӣ»-и вай ба вуҷуд омадаанд. Аз назари Афлотун «давлат чигунае, ки набошад, дар он ҳамеша ду давлати ба ҳам душман вуҷуд дорад: яке-давлати бойҳо, дигаре-камбағалон»[1].

1.Асмус В. Ф. «Античная философия». Из - во Высш. школа М.: 1976, стр. 235.

Мутафаккири дигари Юнони қадим Арасту (384-322) се асари бузург «Сиёсат» (Политика), «Политияи афинагӣ», ва «Этика» навиштааст. Ақидаи Арасту доир ба давлат хеле ҷолиб буда, вайро «ҳамчун як навъи муошират» медонад. Фақат давлат-шакли ягонаи олии муоширати байни одамон аст.


1

1.New Acropolis Ukraine, "Аристотель," New Acropolis Ukraine, accessed September 13, 2025, https://newacropolis.org.ua/ru/articles/arystotel

Дар доираи давлат маҷмӯи системаҳои томи дигари иҷтимоие бо мақсадҳои хос ва роҳҳои махсуси инкишоф вуҷуд дорад. Дар ҷои дигар Арасту мегӯяд: «Инсон табиатан вуҷуди давлатӣ аст»[1]. Аз назари Арасту – инсон табиатан вуҷуди сиёсӣ буда, дар давлат табиати вай таҷассум меёбад. Арасту ду шакли давлатро ҷудо карда якеро шакли дуруст-ҳокимон фоидаи умумиро дар назар дорад ва шакли нодуруст ин ҳокимон фоидаи шахсиашонро дар назар доранд, меномад. Вай монархия (ҳокимияти шоҳӣ), аристократия ва политияро шакли дуруст, тирания, олигархия ва демократияро шакли нодурусти давлатдорӣ номидааст.

1.Чанышев Л. Н. «Начало философии». Из – во Мос.Гос. Университет 1982. стр. 6.

Арасту таъкид менамояд, ки сиёсат одамонро намесозад, балки онҳоро ҳамон тавре ки табиат сохтааст, мегирад. Ба ақидаи ӯ:

а) Ҳамин хел сохти давлатие дохил намудан зарур аст, ки ҳангоми мавҷудияти чунин вазъият осонтар қобили қабул бошад;

б) Беҳтар намудани сохти давлатӣ вазифаи на он қадар мураккаб аст, нисбат ба он ки аз аввал барқарор карда шавад;

в) Ҳам қонунгузории хуб ва ҳам ходими сиёсии ҳақиқӣ бояд на танҳо шакли мутлақо беҳтарин, балки шакли ба шароити мавҷуда на он қадар хуби мувофиқро аз назар дур насозад»[1].

1.Асмус В. Ф. «Античная философия». Из - во Высш. школа М.: 1976, стр. 235.

Дар қатори мутафаккирони Юнони қадим, инчунин дар рушди афкори сиёсӣ мутафаккирони Рими қадим низ саҳми арзанда гузоштаанд. Яке аз мутафаккирони машҳури Рими қадим Марк Тулий Ситсерон (106-43 то м.) мебошад, ки ӯ дар рушди афкори сиёсӣ нақши бузург бозидааст. Дар сохтори сиёсии ҷомеа Ситсерон корҳои мардумиро афзалтар мешуморад, ки онро «res publica» номидааст.


1

1.John P. V. Dacre, “Last Months of Cicero,” *Encyclopaedia Britannica*, last modified August 2, 2025, accessed September 13, 2025, https://www.britannica.com/biography/Cicero/Last-months

Ситсерон низ, дар навбати худ, се шакли идоракуниро нишон медиҳад:

1. Ҳокимияти шоҳӣ
2. Ҳокимияти аристократҳо
3. Ҳокимияти халқ

Ба андешаи Ситсерон, ҳар яке аз ин шаклҳои идоракунӣ афзалиятҳои худро доро мебошанд. Лутфу марҳамати подшоҳон, хирадмандии ашрофзодагон ва озодии халқ афзалиятҳои ҳар яке аз шаклҳои идоракунӣ мебошад. Ба андешаи Ситсерон, бояд афзалиятҳои мазкур бо ҳам омехта карда шуда, шакли омехтаи идоракунӣ ба вуҷуд оварда шавад, то ки он оқилона маҳсуб ёбад.

Дунёи қадим, ки ба он таълимоти сиёсии Ҳинду Чини қадим, Бобулистону Эрон ва ЮнонуРим аз ҳазораи якуми пеш аз мелод то асри 476-и мелод давом кардааст. Аз ҷумла андешаи Конфутсий (551-479 пеш аз милод) : «Ба одамон он чиро накунед, ки онро барои худ намехоҳед, дар ин сурат дар давлат ва оила нисбат ба ту душманӣ ҳис намекунанд». Таълимоти Конфутсий ва ҷанбаҳои сиёсӣ, ахлоқии вай дар идора намудани давлат ҷолиб аст.

Вай ба саволи шумо ба қатли одамони бе принсип ба хотири ба он принсипҳо наздик шудан чӣ тавр менигарад, чунин ҷавоб додааст: «Барои чӣ давлатро идора карда одамро мекушед? Агар шумо ба накӯӣ кӯшед, халқ ҳам накӯ мешавад». Ӯдар асараш «Лун юй» (суҳбатҳо ва андешаҳо) барномаи сиёсии ҷомеаро аниқ нишон додааст. Ба андешаи вай фаъолияту рафтор ва мақоми инсониро дар ҷомеа осмон ва ҷирмҳои он муайян мекунанд, зеро онҳо хосияти илоҳӣ доранд.

Намояндаи дигари Чини қадим Мо-тсзи (с. 479-381 пеш аз мелод) гуфтааст; «Халқ дар давлат асосӣ буда, ҳокимият бошад дар ҷои охир аст. Барои ҳамин «фарзанди осмон» ҳамон вақт шудан мумкин аст, ки боварии халқро ба даст орӣ»[1].

Мо-тсзи давлатро офаридаи Худо намедонад. Вай баробарии табиии одамонро қоил буда, ҷонибдори дар идора намудани давлат аз ҳуқуқҳои баробари худ истифода бурдани одамон аст.

1. Асмус В. Ф. «Античная философия». Из - во Высш. школа М.: 1976, стр. 235.

# 2.2.Афкори сиёсии асрҳои миёна

Баъди аз байн рафтани империяи Ғарбии Рим муносибатҳои истеҳсолӣ-феодалӣ ба вуҷуд омада, нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ мақоми хосса пайдо намуд. Чун тамоми динҳои дигар дини Насронӣ ҳам дар солҳои аввали пайдоиши худ ҳимояи манфиати аҳли заҳматро вазифаи асосӣ қарор дода бошад ҳам, бо гузашти айём хусусияташро тағйир дода бештар хусусияти сиёсӣ пайдо намуд.

Дар таълимоти сиёсии Аврелий Августин (354-430) масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ аз назарии дини насронӣ таҳлил карда шудаанд. Дар ин давра Августин ба ҳайси аввалин идеологи калисои насронӣ ба майдон омада тамоми иллатҳои ҷомеаи инсониро ба «гуноҳи» Бобои Одаму Момо Ҳаво, ки аз Биҳишт ронда шуданд, алоқаманд маънидод намуда, қайд кардааст, ки инсонҳо агар гуноҳ намекарданд ва аз имконияти додаи Илоҳӣ истифода менамуданд, ҷомеа ба анархия табдил намеёфт ва эҳтиёҷ ба назорат пайдо намешуд.

Намояндаи дигари олами насронӣ Фомаи Аквинӣ (1226-1274) мебошад. Бар хилофи Августин Фома давлатро гуноҳи одамон не, балки натиҷаи табиати ҷамъиятии инсон дониста мегӯяд, ки инсон ҳамеша ба сӯи иттиҳод майл дошт.

Фома ҷонибдори давлати монархӣ буда ҳокимияти олиро дар осмон ба Исо ва дар дар замин ба Папаи Рим мутааллиқ медонад. Вай монархияро барои он шакли беҳтарини идоракунӣ номидааст, ки оламро як Худо офаридааст ва онро худаш идора мекунад. Вай чунин навъҳои монархия: а) монархияи сиёсӣ; б) монархияи мутлақ; в) монархияи табақавиро ҷудо кардааст.

# 3. Афкори сиёсии давраи эҳё ва замони нав

## 2.1.Афкори сиёсии давраи эҳё

Давраи Эҳё асрҳои XIV-XVI дар бар гирифта, дар ин давра инқилоби маънавӣ ба вуҷуд оварда мешавад ва ҷаҳонбинии инсон ба тағйиротҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, тамоюлоти худро тағйир медиҳад. Асоси таълимоти сиёсии ин марҳиларо масъалаҳои ташаккули давлати марказонидашуда ва ҳокимияти дунявӣ ташкил медод. Маҳз дар ҳамин марҳила давлат ҳамчун ташкилоте дониста мешуд, ки он бояд амнияти одамонро таъмин намуда, онҳоро ҳифз менамуд. Намояндагони машҳури давраи Эҳё Никколо Макиавелли ва Жан Боден мебошанд.

Мутафаккири италиявӣ Никколо Макиавелли (1469-1527) аввалин шуда мафҳуми «давлат»-ро бо вожаи «stato» ифода менамояд. Аз ҳамин давра сар карда мафҳуми мазкур ба забонҳои аврупоӣ ва забонҳои халқиятҳои дигар ворид мегардад. Вай андешаҳояшро дар китобҳояш «Шоҳ», «Муҳокима доир ба даҳаи якуми Тита Ливия» ва «Таърихи Флоренсия», баён намуд.

Вай аввалин бор мафҳуми давлатро дар сиёсат ҷорӣ намуд. Давлат бошад дар таълимоташ ҳолати сиёсии ҷамъият аст; муносибати ҳокимон ва маҳкумон мувофиқи ин ташкили ҳокимияти сиёсӣ ва мавҷудияти қонун дониста шудааст.

Макиавелли ба Арасту пайравӣ намуда давлатҳоро ба ду гурӯҳ:

а) Бо тамоми муносибатҳо бад, яъне шакли истибдодӣ, олигархӣ, охлократӣ (туда);

б) Бавлатҳои худ ба худ хуб, яъне шаклҳои аристократӣ, демократӣ ва монархистӣ.

Истифодаи андешаҳои Н. Макиавелли дар сиёсати амалӣ бо номи макиавеллизм ифода мегардад.

Макиавеллизм ҳамчун чараёни сиёсӣ яке аз навъҳои рафтори сиёсие мебошад, ки барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани ҳокимияти сиёсӣ истифодаи ҳама гуна роҳу воситаҳоро зарур мешуморад.

Намояндаи дигари давраи Эҳё Жан Боден (1530-1596) мебошад. Боден дар асари худ «Шаш китоб дар бораи ҷумҳурӣ» андешаҳои сиёсии худро иброз намудааст. Ӯ муаллифи консепсияи суверенитети давлатӣ мебошад. Ба андешаи Ж. Боден, суверенитет нишонаи муҳимми давлат аст. Инчунин, суверенитет маънои онро дорад, ки давлат соҳиби ҳокимияти олӣ аст.

Ж. Боден низ ба монанди мутафаккирони дигар се навъи давлатро аз ҳам фарқ намудааст:

а) демократия;

б) аристократия;

в) монархия;

# 2.2.Афкори сиёсии замони нав

Дар ин давра ташаккулёбии муносибатҳо дар миёни одамон, ҷомеа ва давлат диққати онҳоро ба худ ҷалб менамуд. Дар ин марҳилаи рушду инкишофи ақидаҳои сиёсӣ аввалин маротиба назарияҳои шартномаи ҷамъиятӣ, баробарии ҳуқуқҳои табиии одамон (баробарҳуқуқӣ), тақсими ҳокимият ба шохаҳо, идораи конститутсионии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Намояндагони машҳури ин давра Томас Гоббс, Ҷон Локк ва Шарл Луи Монтеске мебошанд.

Яке аз намояндагони машҳури назарияи шартномаи ҷамъиятӣ мутафаккири англис Томас Гоббс (1588-1679) мебошад. Ӯ дар таълимоти худ сабабҳои пайдоиши давлатро асоснок намуда, ҳокимияти давлатиро барои танзими «ҳолати табиӣ»-и одамон зарур мешуморад. Ба андешаи ӯ, дар ҳолати табиӣ «ҷанги ҳама ба муқобили ҳама» ҳукмфармо мебошад. Давлат ташаккулдиҳандаи «ҳукмронӣ ва тобеият» буда, бо мақсади таъмини сулҳи ҳамагон ба вуҷуд оварда мешавад.

Рушди минбаъдаи афкори сиёсӣ дар таълимоти сиёсии мутафаккири англис Ҷон Локк (1632-1704) мушоҳида мегардад. Ҷ. Локк низ як қатор масъалаҳои сиёсиро аз мавқеи шартномаи ҷамъиятӣ баррасӣ намудааст. То пайдоиши давлат одамон дар «ҳолати табиӣ» ва баробарҳуқуқӣ умр ба сар мебурданд. Бинобар ин, одамон маҳз ба хотири ҳимояи баробарҳуқуқӣ, озодӣ ва ҳуқуқҳои шахсии худ барои ба вуҷуд овардани давлат бо як гурӯҳ одамон, ки намояндагони ҳокимияти олӣ шинохта мешаванд, шартнома мебанданд.

Ҷ. Локк чунин «тақсимоти ҳокимият»-ро дар давлат нишон додаст:

а) Муассисаи қонунбарор;

б) Муассисаи иҷроя;

в) Муассисаи иттифоқӣ.

Яке аз намояндагони машҳури ин давра мутафаккири фаронсавӣ Шарл Луи Монтеске (1689-1755) мебошад. Ӯ дар таълимоти сиёсии худ, пеш аз ҳама, ба омилҳои ҷуғрофии давлатдорӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, қайд менамояд, ки моҳияти давлат на танҳо аз шакли идоракунӣ, балки аз як қатор омилҳои ҷуғрофӣ низ вобаста мебошад.

Шарл Луи Монтеске аз анъанаҳои Арасту пайравӣ намуда, шаклҳои идоранамоиро аз рӯйи шумораи ҳукмронон ба се навъи асосӣ ҷудо намудааст:

а) Республика;

б) Монархия;

в) Деспотия;

Дар миёни маорифпарварони Фаронса мутафаккири дигари ин давра Жан-Жак Руссо (1712-1778) бо андешаҳои пешқадамонаи худ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Ж. Руссо дар асарҳои худ «Мулоҳизаронӣ дар бораи пайдоиши нобаробарӣ дар миёни одамон» ва «Дар бораи шартномаи ҷамъиятӣ» андешаҳои сиёсии худро баён намудааст. Ӯ ба таҳқиқи «ҳолати табиӣ»-и одамон машғул гардида, онро давраи хушбахтии одамон муаррифӣ намудааст.

Руссо хеле хуб мефаҳмид, ки баргашт ба қафо номумкин аст ва аз ин рӯ, ӯ пешниҳод менамояд, ки барои барқарор намудани озодӣ ва баробарӣ шартномаи нав бастан лозим аст. Мувофиқи шартномаи ҷадид давлат иттиҳоди шаҳрвандони озод ба шумор рафта, ҳокимият ба халқ бояд тааллуқ дошта бошад.

Ба ақидаи ӯ, ҳеҷ як парлумон наметавонад манфиатҳои халқро ифода намояд, бинобар ин ҳар як қонун бояд аз ҷониби халқ қабул гардад, аммо онҳоеро, ки халқ интихоб менамояд, танҳо ба иҷроиши қонунҳо бояд машғул гарданд. Дар назди қонунҳои қабулшуда ҳама бояд баробар бошанд. Ба андешаи ӯ, нобаробарии табиӣ аз одамон вобаста набуда, фарқиятҳои табиӣ, ақлӣ ва ҷисмонии одамонро ифода менамоянд. Аммо нобаробариҳои иҷтимоиро худи одамон ба вуҷуд меоваранд.

## 4. Марҳилаи инкишофи капитализм дар асрҳои XVII–XIX

Ин марҳила бо номи И. Кант (1724 - 1804), Гегел (1770 - 1831), Огнюст Конт (1798 - 1857), Герберт Спенсер (1820 - 1903) ва Макс Вебер (1864 - 1920) алоқаманд аст.

И. Кант натанҳо ҳамчун файласуфи барҷаста ба таҳлили масъалаҳои умумифалсафӣ, балки фалсафаи сиёсӣ низ диққати ҷиддӣ дода, либерализми буржуазиро мунтазам такмил додааст. И. Кант озодиро шароити зарурии «қонуни ахлоқ» медонад, ки дар мавҷудияти ин қонун шубҳа нест. Одам ҳамеша озод аст, аммо соҳибхулқ он вақт мегардад, ки мефаҳмад «ҳамон тавре рафтор намо, ки иродаат дар як вақт дар принтсипи қонунгузории куллӣ қувва дорад».

Андешаҳои сиёсии Гегел (1770-1831) дар асари машҳураш «Фалсафаи ҳуқуқ» ифода ёфтаанд. Гегел аввалин маротиба ба ҷои мафҳуми «ҳолати шаҳрвандӣ» «ҷамъияти шаҳрвандӣ»-ро истифода намуда, онро ҳаматарафа маънидод намудааст. Вай ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати сиёсиро фарқ кунонд. Ба андешаи вай ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳолатест, ки байни оила ва давлат меистад.

Ба ақидаи ӯ ба сохтори ҷамъияти шаҳрвандӣ инҳо дохиланд:

а) Субстансионалӣ (заминдорон, дворянҳо ва деҳқонон);

б) Табақаи саноатдорон (фабрикантҳо, савдогарону косибон);

в) Кулли мансабдорон.

Сиёсатшиносони асри XIX Огнюст Конт (1798-1857), Герберт Спенсер (1820-1903), Людвиг Гумпилович (1838-1909) роҳи минъбадаи инкишофи ҷамъияти буржуазиро тарҳрезӣ намудаанд. Намояндаи ин марҳила Огнюст Конт вазифаи илмро аз ин иборат донистааст «Донӣ, то ки пешбинӣ намоӣ ва пешбинӣ намоӣ, то ки тавонӣ».

Инкишофи ҷомеа, ҳаёти иқтисодӣ, сиёсию иҷтимоии онро ба эволютсияи шуур ва ивазнамоии се шакли ҷаҳонбинӣ:

а) теологӣ;

б) метафизикӣ;

в) илмӣ.

# 5. Таълимоти сиёсии асрҳои XIX ва XX.

Рушду инкишофи афкори сиёсии асри XIX бо шакли ниҳоии идеологияҳои сиёсии муосир – либерализм, консерватизм ва сотсиализм ташаккул меёбанд. Инчунин дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX назарияҳои сиёсӣ ва консепсияҳои иҷтимоӣ асосан дар заминаи ду ҷараёни идеявӣ ташаккул меёбанд: назарияҳои буржуазӣ ва марксистию ленинӣ.

Дар солҳои 40-50-уми асри XIX марксизм ҳамчун таълимот пайдо мегардад. Карл Маркс ва Фридрих Энгелс фаҳмиши материалистии таърихро асоснок намуда, асосҳои иҷтимоию иқтисодии сиёсатро равшан намудаанд.

Асосгузорони марксизм исбот намудаанд, ки муборизаи синфҳо баҳри ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ моҳияти сиёсатро ифода менамояд. Рушди минбаъдаи таълимоти марксизм дар асарҳои В. И. Ленин ташаккул дода мешавад.

В. И. Ленин дар таълимоти худ назарияи инқилоби сотсиалистӣ ва сохтори сотсиалистии ҷомеаро ба таври муфассал ташаккул медиҳад. Назарияи марксизм-ленинизм асоси идеологияи коммунистиро ташкил намуда, муборизаи синфи коргарро, ки он барои сохтани ҷомеаи сотсиалистӣ нигаронида шуда буд, ифода намудааст.

## Адабиёт


1. Платон: биография, факты, философия, фото.» *Интересные Факты*. Accessed September 13, 2025. https://interesnyefakty.org/platon/
2. Платон, *Сочинения*, Т. 3, ред. А. Ф. Лосев & В. Ф. Асмус, пер. А. Н. Эгунов -Москва: Мысль, 1971- с. 275.
3. Асмус, В. Ф. Античная философия. Москва: Высшая школа, 1976. - С. 235
4. New Acropolis Ukraine. "Аристотель." New Acropolis Ukraine. Accessed September 13, 2025. https://newacropolis.org.ua/ru/articles/arystotel
5. Чанышев, Л. Н. Начало философии. Москва: Изд-во Московского государственного университета, 1982. –С. 184
6. Dacre, John P. V. “Last Months of Cicero.” Encyclopaedia Britannica. Last modified August 2, 2025. Accessed September 13, 2025. https://www.britannica.com/biography/Cicero/Last-months
7. Маҳмадов, А. Н. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 288
8. Зокиров, Г. Таърихи таълимоти сиёсӣ. Душанбе: 2010. С.164.
9. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016

Ташаккури зиёд!